Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Суроға: 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Давлаталии Абдусаломзода дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди маркетинг дар корхонаҳо (дар мисоли корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051100 – Маркетинг (6D051101 – Маркетинг) пешниҳод шудааст**

Таҳқиқоти диссертатсионии Давлаталии Абдусаломзода ба масъалаи муҳим ва актуалии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон – ташаккул ва рушди маркетинг дар корхонаҳои саноатӣ дар сатҳи минтақавӣ бахшида шудааст. Дар шароити гузариши иқтисодиёти кишвар ба роҳи рушди устувори саноатӣ ва иҷрои стратегияи миллии саноатикунонӣ, мавзуи мазкур аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Вилояти Хатлон ҳамчун маркази бузурги саноатии кишвар интихоб гардида, таҳлили вазъи маркетинг дар ин минтақа метавонад барои тамоми иқтисодиёти миллӣ намунаи ибрат бошад.

Дар автореферат дуруст қайд шудааст, ки дар шароити муосир танҳо корхонаҳое метавонанд дар бозор рақобатпазир бошанд, ки аз усулҳои муосири маркетинг истифода баранд. Муаллиф ба ин нукта таъкид мекунад, ки аксари корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон то ҳол маркетингро ҳамчун як вазифаи мустақили идоракунӣ ба расмият надаровардаанд ва ин боиси паст шудани рақобатпазирии онҳо мегардад. Ин мушкилот таҳқиқоти амикро талаб менамояд ва муаллиф дар диссертатсияи худ барои ҳалли он саъй кардааст.

Автореферат сохтори мукаммал дошта, ҳамаи қисмҳои зарурии диссертатсияро дар сатҳи фишурда дар бар мегирад. Муқаддима мубрамияти мавзуъро асоснок карда, дараҷаи таҳқиқи онро нишон медиҳад. Боби якум ба асосҳои назариявӣ ва методологии маркетинг бахшида шуда, дар он муаллиф тафсири нави мафҳуми маркетингро пешниҳод мекунад. Боби дуюм таҳлили амалии вазъи маркетинг дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлонро дар бар

мегирад, ки бо ҷадвалҳо ва расмҳо пурра карда шудааст. Боби сеюм самтҳои рушди фаъолияти маркетингиро муайян намуда, амсилаҳо ва стратегияҳои мушаххасро пешниҳод мекунад.

Ҳамчун дастовардҳои муҳими таҳқиқот, ки дорои навгонӣ мебошанд, таснифоти усулҳои муосири таҳқиқоти маркетингӣ (саҳ. 20, расми 3) ва мисолҳои истифодаи онҳоро дар шароити Тоҷикистон (саҳ. 21, ҷадвали 1) номбар кардан мумкин аст, ки барои таҳқиқотҳои минбаъда ва рушди амалияи корхонаҳо ҳамчун дастури амалӣ хизмат карда метавонанд. Таъкид ба истифодаи усулҳои появии рақамӣ дар корхонаҳои дорои захираҳои маҳдуд (саҳ. 32-33) аз фаҳмиши амиқи муаллиф доир ба воқеияти иқтисодии кишвар шаҳодат медиҳад.

Дастоварди дигари илмӣ ин таҳияи амсилаи низоми минтақавии дастгирии маркетинг мебошад (саҳ. 36, расми 7). Дар ин амсила нақши мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, платформаҳои рақамӣ ва худи корхонаҳо дар рушди маркетинг ба таври возеҳ нишон дода шудааст. Чунин равиши муназзам имкон медиҳад, ки рушди маркетинг на танҳо дар сатҳи корхонаҳои алоҳида, балки дар сатҳи тамоми минтақа таъмин карда шавад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот бо он тасдиқ мегардад, ки тавсияҳои муаллиф дар корхонаҳои воқеӣ, аз ҷумла ҶСК «Азот» ва ҶДММ «Оила», мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ин нишон медиҳад, ки натиҷаҳои таҳқиқот танҳо дар сатҳи назариявӣ намонда, ба амалия ворид шудаанд ва самараи воқеӣ додаанд. Тавсияҳо барои мақомоти давлатӣ (саҳ. 42) низ хеле муфид буда, метавонанд дар таҳияи барномаҳои дастгирии маркетинг дар саноат истифода шаванд.

Эродҳои тавсиявӣ.

1. Дар автореферат оварда шудааст, ки муаллиф пурсишҳои коршиносонро байни роҳбарон ва мутахассисони корхонаҳо гузаронидааст. Аммо, натиҷаҳои ин пурсишҳо ба таври миқдорӣ ва дар шакли диаграммаҳо ё ҷадвалҳои таҳлилӣ пурра инъикос наёфтаанд.

2. Стратегияи маркетинги рақамӣ, ки дар саҳифаи 32-33 пешниҳод шудааст, хеле муфид аст, аммо он танҳо ба воситаҳои умумӣ (Excel, CRM, Google Forms ва ғ.) ишорат мекунад. Дар шароити муосир, технологияҳои навтарин, аз қабили истифодаи зеҳни сунъӣ (AI) барои таҳлили рафтори муштариён, автоматикунонии маркетинг ва дигар воситаҳо низ мавҷуданд. Муаллиф метавонист имконияти истифодаи ин технологияҳоро низ дар барои корхонаҳои пешрафтаи вилояти Хатлон баррасӣ кунад.

Омӯзиши автореферат нишон дод, ки диссертатсия дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди маркетинг дар корхонаҳо (дар мисоли корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон)» кори илмии мукаммал ва пурра буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои диссертатсияҳои доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос пурра ҷавобгӯ аст ва муаллифи он Давлаталии Абдусаломзода сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051100 – Маркетинг (6D051101 – Маркетинг) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**мудири кафедраи назарияи иқтисодии**
**МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров”,**
**д.и.и., профессор** **Алиджанов Д.А.**

Имзои мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ
д.и.и., профессор Алиджанов Д.А.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси МДТ
“ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” Сайдуллозода З.С.

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд
гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Тел: (83422) 6 52 73; 6 47 39; (+992) 92 845 00 54
Факс:(83422) 6 75 18;
E-mail: alijonov_jamshed@mail.ru

«____» ________________ 2026с.